**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №**
**қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 29 ноябри соли 2025, №83**

**Дар бораи сазовор донистани Аминзода Зокирҷон Тоҳир, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ санаи 30 августи соли 2025, №74 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Аминзода Зокирҷон Тоҳир 10 январи соли 1967 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 1992 ба шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 1998 хатм кардааст. Солҳои 2000-2017 дар вазифаҳои судяи Суди ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Синои шаҳри Душанбе, муовини раиси Суди шаҳри Душанбе, раиси Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ва раиси Суди шаҳри Панҷакент фаъолият намуда, аз 18-уми майи соли 2017 бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №412 ба вазифаи муовини Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 4 апрели соли 2025 №8 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири

Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Абдуллоев Нозим Саъдулоевич** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Тоҷикистон ва Россия.

**Ба ҳайси муассисаи пешбар** муассисаи таълимии таҳсилоти олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе).

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, Оралбаев Х.Х номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, Бобозода Ҷ.Қ. мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор ва котиби ҷаласа Табаров Н.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, имзо ва аз ҷониби сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А., дар санаи 16.10.2025 сол тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандхои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи мавриди назар таҳлили ҳамаҷониба гардид. Дар натиҷаи таҳлил паҳлӯҳои мусбати қонунгузории мазкур муайян ва ҳамзамон баъзе камбудиву норасоиҳои он ошкор карда шуданд. Муаллиф дар асоси таҳлили анҷомдода пешниҳодҳои мушаххаси назариявиро таҳия намуд, ки барои бартараф намудани камбудиҳои муайянгардида ва такмили танзими ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниходҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд.

Унвонҷӯ доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақолаи дигар дар нашрияҳои дигар ба нашр расидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Камолов, З.А., Аминов, З.Т. Цели наказания [Матн] / З.А. Камолов, З.Т. Аминов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2015. – №1 (62-1). – С. 139-145; ISSN 2219-5408.

**[2-М].** Аминов, З.Т. Общие начала назначения наказания и особенности их применения при осуждении по совокупности преступлений [Матн] / З.Т. Аминов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №2/9. – С. 229-233; ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Аминов, З.Т. Совершенствование правил назначения наказания по совокупности приговоров [Матн] / З.Т. Аминов // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2018. – №4 (28). – С. 134-139; ISSN 2305-0535.

**[4-М].** Аминзода, З.Т. Замкунии намудҳои гуногуни ҷазо ҳангоми таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо [Матн] / З.Т. Аминзода // Қонунгузорӣ. – 2020. – №4 (40). – С. 126-129; ISSN 2410-2903.

**[5-М].** Аминзода, З.Т. Ба назар гирифтани хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда ҳангоми таъини ҷазо [Матн] / З.Т. Аминзода // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №4/2 (49). – С. 207-211; ISSN 2664-0651.

**[6-М].** Камолов, З.А., Сатторов, Ғ.С., Аминзода, З.Т. Сершуморагии ҷиноятҳо: мафҳум ва шаклҳои он [Матн] / З.А. Камолов, Ғ.С. Сатторов, З.Т. Аминзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №2 (22). – С. 170-181; ISSN 2414 9217.

**[7-М].** Шарипов, Т.Ш., Аминзода, З.Т. Тарзҳои таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо [Матн] / Т.Ш. Шарипов, З.Т. Аминзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – №4 (48). – С. 93-98; ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[8-М].** Аминзода, З.Т. Определение неотбытой части наказания, назначенного по предыдущему приговору [Текст] / З.Т. Аминзода // VI Международная студенческая научно-практическая конференция «Актуальные вопросы юриспруденции» (Душанбе, 26 апреля 2019 г.). Сборник докладов. Часть 2. – С. 8-12.

**[9-М].** Аминзода, З.Т. Тартиби татбиқи тарзи қисман зам намудани ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо [Матн] / З.Т. Аминзода // Маводи VIII-умин конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Низоми миллии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ: омӯзиши ҷараён ва

омилҳои рушд» (Донишгоҳи славянии Руссия-Тоҷикистон. – Душанбе, 30 октябри соли 2020). – С. 245-250.

**[10-М].** Аминзода З.Т. Баъзе аз масалаҳои муайян намудани қисми адонашудаи ҷазо аз рӯи ҳукми пештара ҳангоми таъини ҷазо аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо / З.Т. Аминзода // Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир: маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (солҳои 2020-2040) 27-28 декабри соли 2022 / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доткори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Қудратов. – Душанбе: «ДДТТ», 2023.– С. 339-342.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– **Қодирзода Т.Қ.–** Ходими пешбари илмии масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Института фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

– **Абдуллозода Ҷ.А.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, раиси суди ноҳияи Варзоб.

– **Давлатзода К.Д.–** сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Муаллиф дар пешниҳоди 1 баён медорад, ки “Мавҷудияти сершуморагии ҷиноятҳо на дар ҳамаи ҳолатҳо боиси сахттар гардидани ҷазо мегардад. Дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамой ҳолатҳое низ ба назар мерасанд, ки қонунгузор имкони таъини ҷазои нисбатан сабуктарро пешбинӣ менамояд, новобаста аз он ки шахс якчанд ҷиноят содир кардааст”. Чунин андешаи муаллиф баҳснок мебошад, зеро дар ҳолатҳои мустасной ҳангоми истифода шудани м.63 КҶ ҶТ низ он танҳо нисбат ба ҷинояти алоҳидаи ба маҷмуъ дохилшаванда истифода шуда ҳамчун асос барои таъини ҷазои сабуктари ниҳой баромад карда наметавонад. Бинобар ин муаллифро зарур буд агар мавҷуд бошанд ҳолатҳои дигари сершуморагии ҷиноятҳоро номб„р менамуд, ки ҷой доштани онҳо боиси таъини ҷазои сахттар нагардад.

2. Дар саҳифаҳои 22-25 муаллиф андешаҳои гуногуни олимонро перомуни мафҳуми «сершуморагии ҷиноятҳо» ҷамъоварӣ менамояд, аммо ба ҷойи муқоисаи интиқодӣ ва арзёбии муфассали афзалият ва маҳцудиятҳои ҳар мавқеъ, хулосаи шахсӣ ба шакли хеле кӯтоҳ ҷамъбаст мешавад. Дар натиҷа бидуни асоснокии муқоисавӣ дарҳол таърифи мафҳуми

сершуморагии ҷиноятҳоро ироа мегардад. Чунин тарзи пешниҳоди мавод вобаста ба талаботи тахдили илмӣ арзиш ва асоснокии натиҷаҳои бадастомадаро коҳиш медиҳад.

3. муаллиф таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳоро дар бобҳои ҷудо таҳқиқ мекунад, вале робитаи мантиқӣ ва ҳуқуқии байни онҳо ба таври дахлдор шарҳ дода нашудааст. Масалан, чӣ гуна тағйири як институт ба дигар таъсир мерасонад, ё дар кадом ҳолатҳо онҳо метавонанд бо ҳам омехта шаванд. Вобаста ба ин аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки фарқият ва алоқамандии ин ду ҳолатро ҳангоми ҳимояи рисола мушаххастар шарҳ диҳад.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз руйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд: бори аввал** таҳқиқоти комплексии таҳлили тарзҳои таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо ҳам нисбати ҷазоҳои асосӣ ва ҳам иловагӣ анҷом дода шудааст;

**- пешниҳод шудааст:** бо мақсади риояи принсипҳои қонуни ҷиноятӣ, ба хусус принсипҳои қонуният ва адолат даровардани тағйироту иловаҳо ба моддаҳои 64, 67,68 ва 69 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон; ба Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2003 таҳти №5 «Доир ба таҷрибаи судӣ оиди таъин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо» бо мақсади татбиқи дурусти меъёрҳои моддаҳои 67 ва 68 КҶ ҶТ;

**- исбот шудааст:** намудҳои сершуморагии ҷиноятҳо тавре тасниф карда шаванд, ки онҳо ҳам хавфнокии кирдори содиршуда ва ҳам дараҷаи хавфнокии шахсияти содиркунандаи онро пурра инъикос намоянд; мустақилона иҷро гардидани ҷазоҳои алоҳида, тарзи чоруми муайян намудани ҷазо аз рӯи маҷмуи ҷиноятҳо ва ҳукмҳо ба шумора меравад;

- **ҷорӣ намудан:** бо  мақсади такмил додани қонунгузорӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми1, м. 20 КҶ ҶТ ва моддаи 64 КҶ ҶТ; такмил додани муқаррароти қисми 6, моддаи 67 ва  қисми 2 моддаи 69 КҶ ҶТ;

даровардани тағйирот ба қисмҳои 5, 6 м. 68 КҶ ҶТ, ки таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳоро ба танзим даровардааст; тавсияҳо оид ба истифодаи ин ё он тарзҳои таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар доираи он андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ ва қонунгузории мафҳуми сершуморагии ҷиноятҳо, маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо;  тарзҳои таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо  мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор дода шудаанд. **Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои бадастомада ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар амалияи мақомоти судӣ ва тафтишот васеъ истифода шуда, барои таъмини ягонагӣ ва одилонаи таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ мусоидат намоянд. Аз ҷумла, тавсияҳо ҷиҳати бартараф намудани мушкилот ва камбудиҳои дар амалияи судӣ ҷойдошта, аз қабили таъини ҷазо ҳангоми мавҷудияти сершуморагии ҷиноятҳо, якҷоя намудани намудҳои гуногуни ҷазо ва ҳисобкунии қисми адошудаи ҷазо, равона гардидаанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро дар раванди омузиши фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», аз ҷумла курси махсуси «Таъини ҷазо” истифода бурдан ба мақсад мувофиқ хоҳанд буд. Ҳамчунин, мақомоти судӣ натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро ҳангоми таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо  ба инобат гирифта метавонанд.

- **баён шудани** оне ки масъалаҳои таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо яке аз масъалаҳои мураккаб ба ҳисоб рафта, оид ба истифодаи ин ё он тарзи муайян намудани ҷазои ниҳоӣ дар чунин ҳолатҳо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ андеша ва муносибати якхела ҷой надорад. Дар танзими қонунгузории тарзҳои таъини ҷазо ҳангоми маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо норасоӣ ва номукамаллии меъёрҳои қонунгузорӣ низ ба назар мерасад, ки ин таҳлили  илмӣ ва амалиро талаб месозад.

- **ошкор гардидани** он ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ҷазо то ҳадди муайян коркард ва мустаҳкам карда шудааст, вале масоили таъини ҷазо аз рӯи маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо то имрӯз баҳсталаб боқӣ мемонад, ки ин омил аз ҷой доштани иштибоҳоти судӣ ҳангоми татбиқи моддаҳои 67 ва 68 КҶ ҶТ далолат медиҳад. Маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо таъини ҷазои сазоворро ба шахси дар чунин ҳолат ҷиноятсодирнамуда, коркарди механизми нисбатан мукаммали муайян

намудани чораи ҷавобгариро талаб менамояд. Аз ҷумла, асоснокии истифодаи ин ё он тарзи таъини ҷазо ҳангоми ҷой доштани чунин шаклҳои сершуморагии ҷиноятҳо бояд бо назардошти принсипҳои қонуният, адолат ва ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ истифода шавад.

**- омухта шуданд:** қонунгузории миллӣ, қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои таҷрибаи судӣ вобаста ба таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо.

**- аз нав такмил додани:** меъёрҳои қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо. Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки натиҷаҳои таҳлил метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муккамал намудани Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба таҷрибаи судӣ оиди таъин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо» ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд ҳамчун маводи методӣ ва илмӣ дар фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми таълими фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», ва курси махсуси “Таъини ҷазо” истифода гарданд.

- **муайян карда шуданд**, ки дар амалия баъзан истифодаи сатҳӣ аз ҷониби судҳо нисбат ба принсипҳои асосии таъини ҷазо ба назар мерасад, ки он дар истифодаи ибораҳои қолабӣ бе таҳлили амиқи хусусиятҳои инфиродии парванда зоҳир мегардад. Чунин расмиятгароӣ дар татбиқи расмии меъёрҳои умумии муайянкунии чораи ҷавобгарӣ бидуни таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳолатҳои мушаххаси ҷиноят ва шахсияти маҳкумшуда ифода меёбад; тарзҳои таъин намудани ҷазо ҳангоми маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо бояд тавре истифода шаванд, ки аз як тараф принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятиро халалдор насозад ва аз тарафи дигар барои ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо кофӣ бошад.

- **офарида шуд**: дар асоси таҳлили адабиётҳои илмӣ ва таҷрибаи судӣ даровардани даровардани тағйироту иловаҳо ба моддаҳои 20, 64, 67, 68, 29 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **муаррифӣ карда шуд**: бо мақсади такмил додани қоидаҳои таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо андешаҳои гуногуни олимон мавриди таҳлил ва хулосаҳои қарор дода шуда, мафҳуми маҷмуи ҷиноятҳо бо тарзи дигар баён шудааст. Муаллиф тарзҳои таъини ҷазоро баррасӣ намуда, зарурати истифода шудани ин ё он тарзро дар мавриди маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо асоснок намудааст.

Вобаста ба ин эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз он шаҳодат медиҳад, ки хулосаву пешниҳодҳо дар асоси таҳлил ва омӯзиши қонунгузории ҷиноятӣ, Қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маводҳои таҷрибаи судӣ ба даст оварда шуда, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок мебошанд.

- **асоснок шудааст**, ки дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ суд уҳдадор аст, ки ҳар як кирдори ҷиноятиро ҳамчун таркиби мустақил ҳамаҷониба тасниф намояд. Чунин таҳлил таҳқиқоти муфассали маҷмуи аломатҳои таснифкунанда ва ҳолатҳои марбут ба ҷинояти мушаххасро дар назар дорад, ки он дар асоси принсипҳои асосии татбиқи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ анҷом дода мешавад. Дар баробари ин, ҷиноятҳои алоҳида ҳамчун унсурҳои таркибӣ арзёбӣ мегарданд, ки ин имкон медиҳад вобаста ба дараҷа ва хусусияти онҳо ҷазои ниҳоӣ таъйин гардад;

- **истифода шудаанд:** ҳангоми таҳқиқот усулҳои умумиилмӣ ва махсуси даркнамоӣ, ба монанди таҳлили системавии меъёрҳо оид ба маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо, усулҳои мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ ва усулҳои оморӣ истифода шудаанд;

- **муайян шудаанд:** новобаста аз ин, дар таҷрибаи судӣ ҳатто дар ҳолатҳои ба мақсад мувофиқ будани тарзи пурра зам намудани ҷазоҳо ва ҷой доштани имконияти дар амал татбиқ намудани он, судҳо тарзи пурра замнамоиро истифода намекунанд. Кам истифода шудани тарзи пурра замнамоӣ, дар ҳолатҳое, ки шахс аз ҷазои аввала хулосаи зарурӣ набароварда, боз даст ба ҷиноят задааст, дар роҳи таъмин намудани мақсадҳои ҷазо, бахусус пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав мусоидат карда наметавонад; принсипи ногузории ҷазо дар сурати дар бар гирифтани ҷазоҳо дар гунаҳгор эътироф намудани шахс, барои ҳар ҷинояти дар алоҳидагӣ содиршуда ва таъин намудани ҷазо ба он, инъикоси худро меёбад. Ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар маънои онро надорад, ки шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои яке аз ҷиноятҳои дар маҷмуъ содиршуда озод мегардад.

- **истифода шуданд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин парвандаҳои ҷиноятие, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф дар нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мадолаҳои илмии муаллиф, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтааст. Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 29 ноябри июни соли 2025 қарор қабул карда шуд,

ки ба Аминзода Зокирҷон Тоҳир дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор ва 1 нафар номзад аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**29 ноябри соли 2025**